# ДАСТУР ВА НАМУНАИ АРИЗА ОИД БА МУҚАРРАР НАМУДАНИ ҶОИ ИСТИҚОМАТИ КӮДАК

Мутобиқи Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, падару модар барои тарбияи фарзандони худ дорои ҳуқуқу уҳдадорӣ мебошанд. Падару модар дар тарбияи фарзандони худ нисбат ба ҳамаи шахсони дигар ҳуқуқи афзалиятнок доранд.

**Донистан зарур аст!**

Масъалаҳои марбут ба тарбияи фарзандонро падару модар бо ризоияти ҳамдигар ва бо назардошти манфиати кӯдакон ва фикру ақидаи онҳо ҳал менамоянд.

## Муайян намудани ҷои истиқомати кӯдак

Ҷои истиқомати кӯдак дар сурати ҷудо зиндагӣ кардани падару модар бо мувофиқаи байни онҳо муқаррар карда мешавад. Дар сурати набудани мувофиқа, баҳси падару модарро суд дар асоси манфиати кӯдакон ва бо назардошти фикру хоҳиши онҳо ҳал менамояд.

Баҳсҳо оид ба тарбияи фарзандон байни падару модари кӯдак ва дигар хешовандони наздик бисёр ба вуқуъ омада, ин гуна баҳсҳо, ҳангоми ба мувофиқа наомадани падару модар ва дигар аъзоёни оила, аз тарафи мақомоти васояту парасторӣ ё судҳо мавриди баррасӣ ва ҳал карда мешаванд.

**Масъалаҳое, ки суд зимни баррасии ариза оид ба муайян намудани ҷои зисти кӯдак ба инобат мегирад:**

- дилбастагии (меҳри) кӯдакро нисбат ба падар ё модар, бародару хоҳарон;
- синну соли кӯдак;
- сифати маънавӣ ва дигар сифатҳои хосаи падару модар;
- муносибате, ки байни падар ва модар ва кӯдак мавҷуд аст;
- имконоти ба кӯдак фароҳам овардани шароити тарбия ва рушду камоли он (навъи фаъолият, низоми кори падару модар, вазъи моддӣ ва оилавии падару модар ва ғайраро).

## Диққат!

Дар зер намунаи аризаи даъвогӣ ба суд дар бораи муқаррар намудани ҷои исиқомати  кӯдак оварда шудааст. Дар сурати пешниҳоди аризаи даъвогӣ ба суд, ба он номгӯи ҳуҷҷатҳои пешбинишудаи намунаи зикргардида ва дигар далелҳо ҳамроҳ карда мешаванд. Ҳангоми зарурат Шумо метавонед аз ин намуна истифода баред.

*Намуна*

**Ба Суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе**

**Даъвогар:** *(насаб, ном ва номи падари даъвогар),* **истиқоматкунандаи** *(суроғаи истиқомати (муваққатии) даъвогар),* **рақами телефон:** *(рақами телефони даъвогар)*

**Ҷавобгар:** *(насаб, ном ва номи падари ҷавобгар),* **истиқоматкунандаи** *(суроғаи истиқомати ҷавобгар),* **рақами телефон:** *(рақами телефони ҷавобгар)*

**Шахси сеюм: Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдаки Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе**

**АРИЗАИ ДАЪВОГӢ**
**/дар бораи муқаррар намудани ҷои зисти кӯдак/**

Бо ҷавобгар ___________ *(ному насаби ҷавобгар)* соли 2015-ум оила барпо намуда, аз зиндагии якҷоя соҳиби як фарзанд ___________ *(ному насаби фарзанд)* санаи таваллудаш 17.07.2016 мебошем.

Пас аз оиладор шуданамон бо ҷавобгар ___________ *(ному насаби ҷавобгар)* дар манзили истиқоматии ман воқеъ дар шаҳри _________, кӯчаи _______, хонаи ______, ҳуҷраи ____ зиндагӣ мекардем.

Дар соли 2017 муносибатҳои оилавии байни ман ва ҷавобгар бад шуда, ақди никоҳи мо ба тариқи судӣ бекор карда шуд. Пас аз бекор шудани ақди никоҳамон, фарзандамон дар таъминот ва тарбияи ман монд. Ҷавобгар бошад ба хонаи волидонаш рафта, пас аз чанд вақт ба Федератсияи Россия рафта, айни замон дар ҳамон ҷо зиндагӣ карда истода, ба чӣ кор машғул буданаш ба ман маълум нест. Байни мо масъалаи бо кӣ мондани кӯдак расман мувофиқа карда нашуда, оид ба ин созишнома набастаем.

Муддати як сол мешавад, ки фарзандамон бо ҳамроҳии ман дар манзили истиқоматии воқеъ дар шаҳри _________, кӯчаи _______, хонаи ______, ҳуҷраи ____, истиқомат карда истодааст.

Ҷавобгар дар вақти бекор кардани ақди никоҳамон розӣ буд, ки кӯдак бо ман бошад ва дар суроғаи дар боло зикршуда бо ҳамроҳии ман зиндагӣ намояд. Бо ин амалаш аз уҳдадории модарии худ даст кашида, кӯдакро партофта ба хориҷи кишвар рафта, дар тарбия ва таъминоти кӯдак саҳм нагузошт. Айни

замон бошад омада талаб дорад, ки кӯдакро ба ӯ диҳам ва байни мо вобаста ба ҷои зисти кӯдак баҳс ба вуқӯъ омад.

Мувофиқи талаботи қисми 4-и моддаи 65 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷои истиқомати кӯдак дар сурати ҷудо зиндагӣ кардани падару модар бо мувофиқаи байни онҳо муқаррар карда мешавад. Дар сурати набудани мувофиқа, баҳси падару модарро суд дар асоси манфиати кӯдакон ва бо назардошти фикру хоҳиши онҳо ҳал менамояд. Зимнан суд дилбастагии (меҳри) кӯдакро нисбат ба падар ё модар, бародару хоҳарон, синну соли кӯдак, сифати маънавӣ ва дигар сифатҳои хосаи падару модар, муносибате, ки байни падар ва модар ва кӯдак мавҷуд аст, имконоти ба кӯдак фароҳам овардани шароити тарбия ва рушду камоли он (навъи фаъолият, низоми кори падару модар, вазъи моддӣ ва оилавии падару модар ва ғайраро) ба инобат мегирад.

Дар айни замон кӯдак муддати зиёда аз 5 сол мешавад, ки дар тарбия ва таъминоти ман қарор дошта, барои кӯдак шароитҳои хуб муҳайё намудаам, ки ин ҳолатро бо санад ва хулосаи Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдаки Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе тасдиқ карда метавонам. Зиёда аз ин, кӯдак ба модари биологиаш, яъне ба ҷавобгар умуман меҳру дилбастагӣ надорад ва бо модар гузоштани кӯдак ба манфиати кӯдак намебошад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло ва дар асоси талаботи қисми 4-и моддаи 65-и Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз суд,

**ХОҲИШ МЕНАМОЯМ:**

Ҷои зисти фарзанди ноболиғамон ____________ *(ному насаби фарзанд)*, санаи таваллудаш 17.07.2016 бо ҳамроҳии падар, яъне ман, ____________ *(ному насаби даъвогар)* дар манзили истиқоматии воқеъ дар шаҳри __________, кӯчаи ________, хонаи ______, ҳуҷраи ____, муқаррар қарда шавад.

**Замима:**

1. 3-нусхаи аризаи даъвогӣ;
2. Расиди пардохти боҷи давлатӣ 3,6 сомонӣ;
3. Маълумотнома аз ҷои зисти даъвогар;
4. Маълумотнома аз ҷои зисти кӯдак;
5. Нусхаи шиносномаи даъвогар;
6. Нусхаи шаходатномаи таваллуди кӯдак;
7. Санад оид ба санҷиши шароити зисти даъвогар;
8. Хулоса оид ба имконпазирии тарбия, нигоҳубин ва таъминоти кӯдак бо падар.

**Даъвогар:** ____________________ __. __.                    __________________

(ному насаб)                    (имзо)

“_____” ____________________ ________

(санаи пешниҳод намудани ариза)